# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Давлатов Одинашо Муҳаббатович дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Тоҷикистон яке аз минтақаи асосии субтропикии Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар ҳудуди он растаниҳои субтропикии зиёде парвариш меёбанд: анор, анҷир, хурмо, челон ва ғайра. Анор ба растаниҳои субтропикии гармидӯст дохил буда, шароити обу иқлими қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ба сабзиш ва инкишофи ин растанӣ хуб мусоидат менамояд. Таркиби меваи анор аз унсурҳои кимиёӣ ғанӣ буда, барои саломатии одам аҳаммияти зиёд дорад.

Солҳои охир аз таъсири зараррасонҳои анор ҳосили зиёди боғдорон талаф меёбанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва пешниҳод кардани тавсияҳои илман асоснок зарур аст. Дар бораи таркиби намудии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ то ба ҳол маълумот кам буда, гузаронидани таҳқиқотҳои навро тақозо менамояд. Бинобар ин, мавзуи рисола мубрам ва актуалӣ буда, аниқ намудани таркиби намудии зараррасонҳо ва таҳияи усулҳои мубориза бар зидди онҳо аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Давлатов Одинашо Муҳаббатович соли 2005 ба шуъбаи рӯзонаи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар ихтисоси биология дохил шуда, онро соли 2010 бомуавффақият хатм намудааст.Соли 2010 баъди хатми факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси лаборанти кафедраи ботаникаи факултети биологияи ДМТ (2010), лаборанти кафедраи зоологияи факултети биологияи ДМТ (2011) оғоз намудааст.

Солҳои 2015-2016 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор карда, аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси мушовири академӣ дар шуъбаи ғоибонаи факултети биологияи ДМТ кору фаъолият карда истодааст.

Аз соли 2012 инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи зоологияи факултети биологияи Донишгоҳи мазкур фаъолият дорад. Давлатов О.М. барои таҳияи диссертатсия соли 2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардида, онро соли 2024 хатм

намудааст. Дар давоми фаъолият ӯ дар ҳамоишҳои илмӣ-амалии сатҳи гуногун пайваста ширкат ва баромад намуда, ҳамчун омӯзгор аз фанҳои зоология, таълимоти эволютсионӣ, паразитология, энтомологияи кишоварзӣ ва таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ба донишҷӯёни факултети биологияи ДМТ дарс мегӯяд.

Рисолаи диссертатсионии Давлатов Одинашо Муҳаббатович аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия, замимаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия аҳаммияти хоҷагии анор (*Punica granatum* L.) ном дошта, дар асоси таҳлили адабиёт оид ба хусусиятҳои биоэкологӣ, паҳншавӣ, тавсифи навъҳо, аҳаммияти хоҷагии анор ва нақши он дар рушди соҳаи кишоварзӣ маълумот оварда шудааст.

Дар боби дуюми рисола муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва мушоҳидаҳои худ, оид ба шароити табиию ҷуғрофии қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ (водии Вахш), ҷойгиршавии минтақаи таҳқиқот, релеф, хусусиятҳои иқлимӣ, хок, ҳавзаҳои обӣ ва гуногунии наботот маълумот овардааст.

Дар боби сеюми рисола мавод ва усулҳои таҳқиқот пешкаш гардида, макони гузаронидани таҳқиқоти доимӣ (статсионарӣ) ва муваққатӣ дар шакли харита бо аломатгузорӣ ва ишораҳои шартӣ нишон дода шудааст.

Ҳангоми ҷамъоварӣ ва коркарди маводи илмӣ аз дастурҳои тавсиявии як зумра муҳаққиқон: К.К. Фасулати, Б.А. Доспехов, В.А. Кащеев, М.К. Чилдебаев, А.М. Псарев, И.Я. Поляков, М.П, Персов, В.А. Смирнов ва В.И. Митрофанов, З.И. Стрункова, И.З. Лившитс истифода намудааст.

Дар боби чоруми кори илмӣ бошад оид ба таркиби намудӣ ва хусусиятҳои биоэкологии зараррасонҳои анор дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ маълумоти нав оварда шудааст. Зимни таҳқиқот унвонҷӯ муайян намудааст, ки зараррасонҳои анор аз рӯйи мавқеи таснифӣ ба 2 синф (ҳашарот ва тортанакшаклон), 6 қатор, 17 оила, 28 авлод ва 38 намуд мансуб мебошанд.

Ҳамчунин, дар боби мазкур оид ба хусусиятҳои биоэкологӣ, тарзи ғизогирӣ, паҳншавӣ ва осебрасонии 7 намуд ҳашарот: ширинчаи анор – *Aphis punice* Pass., кирмаки Комсток -*Pseudocaccus comstocki* Kuw,

оташаки анор - *Euzophora punicella* Morr., гамбусаки тӯронӣ – *Epicometis turanica* Peitt., гамбусаки зарарнок – *Polyphylla adspersa* Motsch., гамбусаки гарданкӯтоҳ – *Capnodis tenebricosa* OL., сафедболаки тамоку – *Bemisiat abaci* Genn. ва 3 намуди канаҳо: канаи сурхи мевагӣ – *Panonychus ulmi* Koch., тортанакканаи муқаррарӣ – *Tetranychus urticae* Koch. ва канаи анор – *Tenuipalpus punicae* Prit.Et. Bak. маълумот оварда шудааст.

Унвонҷӯ ҳангоми таҳлил нишон додааст, ки дар байни зарарасонҳо аз рӯйи миқдори намудҳо намояндаҳои оилаҳои хартумчадорон (Curculionidae) 10 намуд ва оилаи малахҳои асосӣ (Acrididae) 5 намуд бартарӣ доранд. Аз рӯйи махсусияти ғизогирӣ зарарасонҳоро ба 3 гурӯҳ: монофаг, олигофаг ва полифаг тасниф намуда, оид ба зарарасонии ин гурӯҳҳо маълумот додааст.

Дар боби панҷуми рисола муаллиф дар асоси гузаронидани мушоҳида ва таҷриба оид ба таҳия, коркард ва истифодаи усулҳои мубориза бар зидди зарарасонҳои анор маълумот пешкаш намудааст.

Диссертант барои нест намудани баъзе намуди зарарасонҳои хавфноки анор препаратҳои нави кимиёиро истифода намуда, самаранокии онҳоро нишон додааст. Дар баробари ин нақши баъзе аз намуди энтомоакарифагҳоро дар коҳиш додани шумораи зарарасонҳои макандаро дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф маълум намудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада унвонҷӯ дар боғҳои анори қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ 24 намуди энтомоакарифагҳоро муайян намудааст, ки ба 6 қатор, 9 оила ва 18 авлод мансубанд.

Дар боби шашуми диссертатсия, ки “Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот” ном дорад, унвонҷӯ Давлатов Одинашо Муҳаббатович бобҳои рисоларо таҳлил намуда, дар бораи натиҷаҳои асосии таҳқиқот маълумот овардааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардида, барои кам намудани таъсири зарарасонҳо тавсияҳо пешниҳод намудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатов Одинашо Муҳаббатович дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ( Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати савзовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори
кафедраи ҳифз ва карантини растаниҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш. Шоҳтемур
«_10_» __декабр__ соли 2025 Ташпулатов М. М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи С.Аюбӣ. хучраи 115 А
**Телефон:** (+992) 938081102.
**E- mail:** mukhammadi 58@mail.ru

**Имзои** М.М. Ташпулатовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
хиёбони Рӯдакӣ 146.
Факс / Факс:(+992-37) 2247207
E-mail: rectortau31@mail.ru. //www.tajagroum.tj

"_10_" _12_ соли 20_26_